**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Мирзозода Шаҳло Ҷума дар мавузи «Масъалаҳои назариявии маромнокии рафтори ҳуқуқии инсон»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, пешниҳод шудааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст**

Мавзуъ, нақша, маводи илмию амалии дар рисола истифодашуда, бардоштҳои илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои дар доираи тадқиқот матраҳгардида аз назари илмӣ мантиқӣ ва асоснок манзур гардида ба талаботи таҷрибаи муосири рушди ҳуқуқ ҷавобгӯ буда, ба ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, мувофиқат менамояд.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия**

Дар даврони тағйирёбии куллии ҳаёти иҷтимоӣ, ки табиати давлатдорӣ ва низоми ҳуқуқӣ аз як навъи ҷаҳонбинии сиёсӣ ва ҳуқуқӣ ба навъи дигараш бо шарту шароитҳои нав гузар менамояд, муайян намудани мақом ва маромнокии рафтори ҳуқуқии инсон аз масъалаҳои ҳамирмоявии ислоҳоти низоми ҷомеа мегардад. Зеро субъекти асосии татбиққунандаи ислоҳоти иҷтимоӣ ва актори фаъоли ҳуқуқии ин дигаргунӣ шаҳрвандони давлат ва рафторҳои ҳуқуқии онҳо маҳсуб мегарданд. Аз ин хотир, барои ҳар давлати дар шароити гузариш ва баъд аз он қарордошта, коркарди дурусти масъалаҳои назариявии маромнокӣ ва мақсаднокии рафтори ҳуқуқии инсон, ҳамчун бардорандаи бори амонати дигаргуниҳои иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ аз масъалаҳои мубраму ҳалталаби фазои ҳуқуқии кишвар ба шумор меравад.

Ин масъала, бо вуҷуди он ки аз назари талаботи фазои ҳуқуқӣ дертар ба фазои илмии кишвар бароварда шудааст, ҳанӯз ҳам мубрам ва

ҳалношуда дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ боқӣ мемонад. Зеро бидуни муайян кардани сатҳу сифати маромнокӣ ва мақсаднокии рафтори ҳуқуқӣ дар ҷомеаи ташаккулёфтаи шаҳрвандӣ, амалишавии мазмуни талаботи қонун ва мувофиқати он ба ҳадафҳои олии давлатдорӣ ва инсонсозии ҷомеа имконнопазир аст. Бо дарназардошти нуктаҳои таъкидшуда, мубрамияти мавзуи рисола рӯшан ва бебаҳс аст.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо ва муқаррароти илмие, ки барои дифоъ пешниҳод шудаанд.**

Натиҷаҳои таҳқиқот дар доираи талабот ба диссертатсияҳо тибқи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 муайян карда шудаанд, таҳия гардидаанд. Рисола ҳамчун кори мустақили илмӣ-тахассусӣ ба шумор рафта, натаҷаи он барои рушди илми назарияи давлат ва қонунгузории миллӣ заминаҳои зарурирo фароҳам меорад. Навгонии илмӣ, саҳеҳнокӣ, хулоса ва пешниҳодҳое, ки дар диссертатсия ифода ёфтаанд, ба талаботи рисолаи илмӣ ҷавобгӯ буда, дар дастоварди илмӣ будани онҳо ҳеҷ шакку шубҳа нест. Пешниҳод ва нуктаҳои илмии диссертатсия ба таҳқиқоти назариявию объективӣ такя намуда, натиҷагириҳо асосноку боэътимод буда, ба мулоҳиза ва хулосабарориҳои муаллиф асос ёфтаанд.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳоднамудаи муаллиф, мутобиқ ба вазифаҳои гузошташудаи рисола буда, дар онҳо нуктаҳо ва заминаҳои муҳимму бунбастии рафтори ҳуқуқӣ дар ҷомеи муосир аз лиҳози назарӣ бо далелҳои ҷиддии илмӣ ҳаллу фасл шудаанд. Нуктаҳои мазкур аз ҳар ҷиҳат сазовори таваҷҷуҳ ва таҳлил мебошанд:

1. Рафтори ҳуқуқӣ, ин фаъолияти субъектҳои инфиродӣ ва колективӣ буда, ба меъёрҳли ҳуқуқ мувофиқат мекунад, ки дар шакли риояи манфиатҳои ҳуқуқӣ, иҷрои уҳдадориҳои ҳуқуқӣ, истифодаи ҳуқуқи субъективӣ, ҳуқуқтатбиққунӣ, кафолат ва ҳифзи он аз ҷониби давлат амалӣ карда мешавад. Дар шарҳи мазкур рафтори ҳуқуқӣ аз назари

рукнҳои пиёдашавандаи онҳо бо усули, «риоя, иҷро ва истифодаи меъёри ҳуқуқ» аз ҷониби субъектон масъалагузорӣ шудааст, ки ба консепсияи бунёди шинохти ҳуқуқи позитивии мусбат мувофиқат менамояд.

2. Ҳангоми баррасии падидаи маромнокӣ дар рафтори ҳуқуқӣ вобаста ба соҳаҳои алоҳидаи ҳаёти ҷомеа, ки дар он амалҳои ҳуқуқӣ анҷом дода мешаванд, тафовут намудани рафтори ҳуқуқии сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ, маърифатӣ ва ғайра мумкин аст. Дар ин пешниҳод мо усули шахсии таснифнамоиро бо далелҳои мантиқии мабдавӣ мулоҳиза менамоем, ки таваҷҷуҳи илмиро тақозо дорад.

3. Маромнокии рафтори ҳуқуқӣ аз руйи шакли зуҳур дар шакли ҳаракат ё беҳаракати иҷро мегардад. Вобаста ба масъалаи аҳамияти ҳуқуқӣ ҳаракатҳои ҳуқуқӣ ба аҳдҳои ҳуқуқӣ ва ҳаракатҳои ҳуқуқӣ тақсим мешавад. Аҳдҳои ҳуқуқи ҳаракатҳоеро дарбар мегирад, ки ифодаи иродаро таҷассум мекунад, ки дар заминаи шуур ба муқаррар кардан, тағйир додан ё қатъ кардани ҳуқуқу уҳдадориҳо равона шудаанд (шартномаҳо, аризаҳо, қарору таъиноти суд ва ғайра), муҳимтар аз ҳама дар аҳдҳои ҳуқуқӣ самти инфиродии ирода ба оқибатҳои ҳуқуқӣ мебошад. Ҳамин тавр, нуқсони ирода (иштибоҳ, зуҳуроти ирода дар натиҷаи зуроварӣ ва ғайра) боиси нуқсони санадҳои ҳуқуқӣ (беэътибор, беаҳмиятӣ онҳо) мегардад. Пешниҳоди мазкур бо вуҷуди серпаҳлу ва муракаб буданаш, мантиқӣ, мушаххас ва аз назари илмӣ маромнок аст.

4. Асоси маромнокии рафтори ҳуқуқӣ ангеза мебошад, он бо падидаи мураккаби писихологӣ асос ёфтааст ва субъети ҳуқуқро ба амалҳои бошуурона ташвиқ мекунад ва барои онҳо ҳамчун асос хизмат мекунад. Маромнокии рафтори ҳуқуқии субъектҳо раванди мураккаби фаъолияти равонии онҳо мебошад, ки аз як тараф, бо хусусиятҳо ва сифатҳои субъективии писихологии ҳар як шахс ва аз тарафи дигар, ба манфиатҳо, ниёзҳо, ниятҳо, ормонҳои ӯ вобаста аст.

Муаллиф масъалаи мубрами «пешманзари ҳуқуқро ҳамчун ҳодисаи меъёрӣ дар муносибат бо субъектҳо кӯшиши фаҳм намудан менамояд, ҳарчанд, ки масъала аз назари фалсафаи ҳуқуқи Кант дар қаринаи «метафизикаи меъёр» масъалагузорӣ шудааст, вале дар он як кӯшиши ҳаракат ба самти муаммои бузурги олами ботинӣ ва зоҳирии ҳуқуқ ҳамчун рафтори мақсаднок эҳсос мегардад, ки сазовори диққат аст.

5. Ташаккули механизими маромнокии рафтори ҳуқуқии инсон ба тамоми маҷмуи омилҳои иҷтимоию иқтисодӣ, маънавию ахлоқӣ, ташкилию идоракунӣ, танзимӣ, зеҳнӣ, ҷаҳонбинӣ, писихологӣ ва дигар омилҳо асос меёбад, ки бо тарзҳои худ ба воқияти ба вуҷуд омадаи ҳуқуқӣ таъсир мерасонад муайн кардани дараҷа ва хусусиятҳои таъсири онҳо ба хусусияти ангезаҳо ва механизими маромнокии рафтори ҳуқуқи инсон ниҳоят муҳим аст, зеро он имкон медиҳад, ки саривақт ба системаи ташаккули мақсадноки маромнокии рафтори ҳуқуқӣ ислоҳот ворид карда шавад, дар умум воқеан масъала дуруст матраҳ шудааст.

6. Маромнокии рафтори ҳуқуқӣ ин таъсири дохилӣ ё берунӣ мебошад, ки шахсро барои риоя ё вайрон кардани қонунҳо ва меъёрҳои ҳуқуқӣ омода мекунад. Он омилҳои гуногунро дарбар мегирад, аз қабили эътиқоди ахлоқӣ, интизориҳои иҷтимоӣ, тарс аз ҷазо, робитаи иҷтимоӣ ва ғайра, ки метавонад ба қарорҳои шахс оид ба риояи қонун таъсир расонад. Маромнокии рафторӣ ҳуқуқӣ дар ташакули рафтори риояи қонун дар ҷомеа ва ҳифзи тартиботи ҳуқуқӣ нақши муҳим дорад.

7. Дар ташфиқи рафтори ҳуқуқӣ тарбияи ҳуқуқӣ ва маърифати ҳуқуқӣ нақши муҳим дорад. Тарбияи ҳуқуқӣ дар ташаккули маромнокии рафтори ҳуқуқи аҳмияти калидӣ дорад. Тавассути тарбияи ҳуқуқӣ ва доштани маърифати ҳуқуқии инсон аҳмияти риояи қонуну қоидаҳоро дарк мекунанд, оқибатҳои вайрон кардани қонунро мефаҳманд ва эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои дигаронро инкишоф медиҳанд. Чунин тарбия ба ташаккули маромнокии инфиродӣ барои риояи қонунҳо мусоидат намуда, ҳисси адолат ва масъулиятро дар назди ҷомеа таҳким мебахшад,

ки дар ниҳоят инсонро ба рафтори ҳуқуқӣ дар доираи қонун водор месозад.

8. Маърифатнокии ҳуқуқӣ системаи арзишҳо, донишҳо ва малакаҳои марбути ҳуқуқ ва қонунро ифода мекунад. Сатҳи баланди маърифат ва фарҳанги ҳуқуқӣ ба ташаккули эҳтиром ба қонун ва дарки ҳуқуқу уҳдадориҳои шаҳрвандон мусоидат мекунад.

Ҳамин тавр доштани маърифати ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ инсонро ба рафтори қонунӣ водор сохта, ба нигоҳ доштани тартиботи ҳуқуқӣ ва риояи қонун мусоидат мекунад, ки он аз ҷониби мумаллиф хуб дарк шуда, дар қаринаи мавзуи таҳқиқшаванда мантиқӣ васл шудаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионии Мирзозода Шаҳло Ҷума** дар он аст, ки он аввалин рисолаи маҷмуавии илмӣ оид ба **масъалаҳои назариявии маромнокии рафтори ҳуқуқии инсон дар фазои илми ҳуқуқшиносии Тоҷикистон** аст. Муаллиф дар рисолаи мазкур нахустин маротиба масъалаҳои мафҳуми маромнокӣ дар рафтори ҳукукӣ, омилҳои маромнокӣ, заминахои хуқуқии маромнокии рафтори хуқуқӣ, аҳамият ва таъсири маромнокии хуқуқиро ба рафтори ҳуқуқӣ аз лиҳози назарӣ бо мисолҳои мушаххас ба таҳлил кашида дар заминаи он хулоса ва пешниҳодҳои судманди илмӣ намудааст. Натиҷаҳое, ки муаллиф дар заминаи тадқиқоти рисолаи илмӣ ба даст овардааст, асоснок, мантиқӣ ва дискурсивӣ ва навоварона буда, барои беҳуди фазои хуқуқӣ ва баланд бардоштани сифати иҷрои қонунҳо дар ҷомеа хизмат карда метавонанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳо.**

Дар рисола оид ба масъалаҳои маромнокии рафтори хуқуқӣ дар фазои илмӣ хулоса ва тавсияҳои муфид барои низоми ҳуқуқӣ ва ташаккули волоияти ҳуқуқ оварда шудааст. Дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои бадастомада бо далелҳои илмӣ ва мантиқӣ собит шудаанд. Муаллифи рисола ҳангоми гузаронидани тадқиқот усулҳои гуногуни илмиро истифода бурдааст. Муқаррарот ва тавсияҳои илмии таҳияшуда

ба беҳбуди шароити назарӣ ва амалии амалишавии ҳуқуқ нигаронида шудаанд.

**Аҳамияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои диссертатсия**

Аҳамияти назариявӣ ва амалии тадқиқоти рисолаи илмӣ аз он иборат аст, ки пешниҳоду хулосаҳои дар рисола баёнгардида фаҳмиши илмии маромнокии рафтори ҳуқуқиро дар фазои ҳуқуқии кишвар тавсеа дода, роҳҳо ва воситаҳои баланд бардоштани сифати иҷрои қонун ва тарбияи дурусти шаҳрвандонро дар роҳи риоя ва эҳтироми қонунҳо масъалагузорӣ менамояд.

Хулосаҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалие, ки дар кор баён шудаанд, ҳамчун натиҷаи илмӣ ва равиши методологӣ имкон доранд дар самти баланд бардоштани маданияти ҳуқуқии шаҳрвандон, дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва мақомоти давлатии бо тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон сару кор дошта васеъ истифода шаванд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 5 мақолаи илмии муаллифи рисола, аз он ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқгардида, 1 мақола дар маҷаллаҳои дигар, инчунин 2 китоби дарсӣ, ба табъ расида, дар онҳо натиҷаҳои асосии илмии рисола инъикос ёфтаанд.

Зикр намудан ба маврид аст, ки теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, таҳти №15 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ**. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, таҳти №15 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллифи рисола ба навгонии илмии тадқиқоти рисола, муқаррароти илмии барои дифоъ пешниҳодшуда, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар конфронсҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмиллалӣ асос ёфтааст. Саҳми шахсии муаллифро интихоби мавзуъ ва услуби асар низ гувоҳӣ медиҳад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсия дар кафедраи «Назарияи давлат ва ҳуқуқ»-и Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон омода гардида, дар ҷаласаҳои кафедра мавриди муҳокима қарор гирифтааст. Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар мақолаҳои муаллиф дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар маҷаллаву маҷмуаҳо ба нашр расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Сохтори рисола бо хусусияти мушкилотҳои дар он таҳқиқшуда, ки мантиқ ва сохтори ин корро пешакӣ ифода кардаанд, муайян мешавад. Диссертатсия дар ҳаҷми ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, ду боб ва шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи назариявии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат аст. Кор ба намунаи стандартҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ мувофиқат мекунад. Матн бо забони ҳуқуқӣ ва сохтори мантиқӣ дорад.

**Боби якуми диссертатсия «Мафҳум ва аломатҳои асосии рафтори ҳуқуқӣ» номгузори шуда, аз ду зербоб иборат аст.** Дар зербоби аввал масъалаҳои мафҳум ва таснифоти маромнокӣ дар рафтори ҳуқуқӣ мавриди таҳлил қарор гирифта, муаллиф бо дастарасии адабиёти зиёди илмӣ ва таҳлили андешаҳои олимон хулосаҳои шахсиашро илман асоснок матраҳ намудааст. Ба андешаи ӯ рафтори фаъоли ҳуқуқӣ амиқан бошуурона, мақсаднок, ташаббускор буда, ба татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ, ҳифзи тартиботи ҳуқуқӣ, қонуният, ҳифзи манфиатҳои давлат, ҷомеа ва дигар

шаҳрвандон нигаронида шудааст (саҳ. 50). Дар зербоби дуюм омилҳои маромнокии рафтори ҳуқуқӣ, муаллиф омилҳои асосии ба рафтори инсон таъсиркунандаи ахлоқ, оила, имон, фарҳанг, интихоб, тарс, хоҳиш, худнамоӣ, роҳ, шароити зиндагӣ, таълим, эътиқод ва арзишҳо, усулҳои танзими рафтор, тарзи ташкили ҷомеа, коллектив, муносибатхои ҷамъиятӣ ва аз ҳама муҳим, шуур (саҳ. 65-81) ва иродаро таҳлил намудааст.

**Боби дуюми диссертатсия «Заминаҳои ҳуқуқии назариявии маромнокии рафтори ҳуқуқӣ» ном дошта, аз чор зербоб иборат аст.** Дар зербобҳои боби дуюм масъалаҳои нақши ангеза дар маромнокии рафтори ҳуқуқӣ (саҳ. 83-105), аҳамияти маромнокии рафтори ҳуқуқӣ дар танзими муносибатҳои воқеии ҷамъиятӣ ва роҳҳои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ (саҳ. 106-110 ), аҳамияти тарбияи ҳуқуқӣ дар ташаккули мусбати маромнокии ҳуқуқӣ (саҳ. 106-110), нақши маромнокии ҳуқуқӣ дар бардоштани маърифати ҳуқуқӣ (саҳ. 110-126), аз кунгураи маромнкоии ҳуқуқӣ таъсиррасонӣ ба пешгирии рафтори ғайриҳуқуқӣ (саҳ. 154-167) ва дигар масъалаҳои марбут ба заминаҳои ҳуқуқии омода шудани маромнокии ҳуқуқиро дар танзими дурусти муносибатҳои ҳуқуқӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор додааст.

Муаллиф на танҳо аз уҳдаи таҳлили назарӣ ва мантиқии масоили гузошташуда боб ва зербобҳои рисолаи илмӣ бо сарбаландӣ баромадааст, инчунин дар шарҳу тафсири нуктаҳои муҳимму маъмули онҳо андешаҳои судманди мантиқӣ ва илмӣ гуфтааст, ки истифодаи онҳо дар фазои илмии кишвар ва амалияи ҳуқуқӣ ҳамчун роҳҳои иловагии баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ,ислоҳи вазъи тарбияи ҳуқуқӣ миёни ҷавонон ва қишрҳои умайяни ҷомеа ба манфиати кор аст.

**Эродҳо ба диссертатсия**

Дар баробари ҳама навгонию музаффариятҳояш рисолаи илмии **Мирзозода Шаҳло Ҷума** мисли ҳар як нахустрисолаи илмии дигар ва натиҷаи қадамҳои нахустини олими ҷавон дар майдони илмӣ аз камбудиҳои услубию мазмунӣ орӣ набуда, дорои нуктаҳои баҳснок ва

баҳсбарангез аст, ки нуктаи ниҳоии худро дар зинаҳои дигари дифои андешаи муаллиф ва рушди назарияю андешаҳояш интизоранд.

1. Қабл аз ҳама эроди мо ба услуби баёни муаллиф ва тарзи мафҳумбандии нақшаи рисола аст. Услуб, бинобар аз сабаби зиёд истифода шудани адабиёти русӣ, таъсири забони бегонаро ба шакли баёни забони тоҷикӣ дар сатҳи муайян доро аст.

А) Доир ба услуби баён: Мисол: «Ҳамин тариқ, ин намуди маромнокии рафтори ҳуқуқӣ бо назардошти ангезаҳои асосии ҳуқуқӣ, ки асоси онро ташкил медиҳанд, ҳамчун рафтори ҳуқуқии «ахлоқӣ нигаронидашуда» ва ё «идеалӣ» тавсиф кардан мувофиқтар аст». (саҳ. 33.) Ё. «Ба назари мо, маромнокии рафтори ҳуқуқӣ ин зиндагии бе мушкилот аст, агар инсон бо роҳи ҳамвор раваду, ба чап нагардад» (саҳ. 36.).

Б) Доир ба тарзи мафҳумбандии нақшаи рисола. Нақшаи пешниҳодшуда мантиқӣ аст, вале хуб мебуд барои боз ҳам рӯшантар шудани мақсад номи боби Аввалро бо иловаи «Мафҳум» мураккаб накарда ба танҳоӣ «Аломатҳои рафтори ҳуқуқӣ»-ро интихоб мекард. Дигар ин ки овардани истилоҳи «мафҳум» дар зербоби 1 боби 1 ва зербоби 1 боби 2 тарзи баёни мақсадро мушкил гардонидааст. Ҳамчунин мақоми ангеза дар рафтори ҳуқуқӣ низ тибқи нақша омехта баён шудааст. Вай ҳамчун омил дар қатори омилҳо ва унсури алоҳида дар аломатҳо мавриди баррасӣ қарор мегирифт шояд беҳтар мешуд.

2. Доир ба пешниҳодҳо:

Дар пешниҳоди як дар ҷумлаи дуюм омадааст: «Маромнокии рафтори ғайриҳуқуқӣ рафторе мебошад, ки ба **меъёрҳои ҳуқуқӣ мувофиқат накарда**, ҳуқуқҳои субъективиро поймол мекунад». Дар муносибат ба «ҳуқуқҳои объективӣ чӣ? Эрод бар он аст, ки «на ҳар мувофиқат накардан» маънои вайрон карданро дорад, рафтори шахс метавонад ба навиштаи қонун мувофиқат накунад, вале ғайриҳуқуқӣ низ набошад, аммо вақте шахс ҳуқуқҳои субъективиро вайрон мекунад ҳатман ҳуқуқи объективиро халалдор месозад.

Дар пешниҳоди се омадааст: «Вобаста ба масъалаи аҳамияти ҳуқуқӣ ҳаракатҳои ҳуқуқӣ ба аҳдҳои ҳуқуқӣ ва ҳаракатҳои ҳуқуқӣ тақсим мешаванд». Аввал ин ки шояд истилоҳи дуюми ҳаракати ҳуқуқӣ гуфта муаллиф «рафтори ҳуқуқӣ»-ро дар назар дорад. Зеро аз назари қоидаи мантиқи илмӣ тақсимшаванда дар таркиби худ ба худ ва бегона тақсим намешавад, агар чунин шавад пас ҳодисаи бегона ҷузъи таркибии вай буда наметавонад. Сонияи чаро таснифбандӣ аз назари аҳамиятнокӣ (ки он бештар ҷанбаи шаклӣ ҳуқуқиро дар масъалаи мазкур аз назари моддӣ доро аст), ҳол он ки ҳаракати ҳуқуқӣ критерияҳои дигари таснифнамоии ба мавзуъи баррасишаванда марбутро доро аст. Дар назар дорем аломатҳои равонӣ ҳуқуқӣ ва дигар омилҳоеро, ки муаллиф таҳлил кардааст.

Дар пешниҳоди 4 муаллиф дуруст вобастагии маромнокии рафтори ҳуқуқии шахсро аз ангеза муайян кардааст, вале барои исботи фикраш аз меъёрҳои кодексхои шаҳрвандӣ ва ҷиноятӣ бо мисолҳои мушаххас аз амалия ба таври зарурӣ истифода накардааст.

3. **Доир ба имлои кор.** Ба замми он ки таъсири забони руси ба матни таҳияшудаи эҳсос мегардад, имлои забони адабии тоҷик низ ҷо ҷо сарфи назар шудааст. Махсусан ҷойгузинии ҳарфҳои «ӯ» дар калимаҳои «маҷмӯъ», «омӯзиш» ва ғ.

### Қисмати хотимавии тақриз – хулоса

Умуман, эродҳои зикршуда ба баҳои мусбати рисолаи пешниҳодшуда таъсир намерасонанд. Муаллифи рисола мафҳумҳои назариявии худро ба фазои илмии кишвар асоснок пешниҳод намуда, мавқеъи худро боварибахш исбот карда, дониши амиқро на танҳо дар соҳаи ҳуқуқ, балки дар дигар соҳаҳои илмҳои ҷомеашиносӣ низ нишон медиҳад.

Кори муаллиф ба эҷоди равиши ягона нигаронида шудааст, ки тамоми мавқеъҳои илмии мавҷударо дар ин самт муттаҳид менамояд.

Тадқиқот дар рисола аслӣ ва эҷодӣ мебошад. Мазмуни рисола хусусияти мустақили тадқиқоти гузаронидашударо нишон медиҳанд. Таклифҳо ва тавсияҳои муаллиф дар шаклҳои гуногун бомуваффақият санҷида шуданд.

Хулосаи умумӣ ин аст, ки рисолаи номзадии **Мирзозода Шаҳло Ҷума** дар мавзуи: **«Масъалаҳои назариявии маромнокии рафтори ҳуқуқии инсон»** ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад. Муқаррарот ва хулосаҳои асосии муаллифи рисоларо метавон ҳамчун саҳми арзанда дар рушди на танҳо илми назарияи ҳуқуқ, криминалогия, ҳуқуқи судӣ, балки умуман илми ҳуқуқшиносӣ арзёбӣ кард.

**Мирзозода Шаҳло Ҷума** сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,**
**Директори Муассисаи давлатии**
**«Маркази исломшиносӣ» дар назди**
**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Холиқзода А.Ғ.**

**Имзои Холиқзода А.Ғ.-ро**
**тасдиқ мекунам: мудири бахши кадрҳо,**
**ҳуқуқ ва корҳои махсуси Маркази исломшиносӣ**
**дар назди Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Анҷуманова Г.А.**
**«_30_» _сентябри_ 2024 с.**

Суроғаи муқарриз:
Маркази исломшиносӣ дар назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон, 99232 ш. Душанбе, кӯчаи Шодмонӣ 58/1;
телефон: 224-09-96; Email: info@mit.tj